Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Саодати Раҳмоналӣ дар мавзуи «Тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагони муассисаҳои тасилоти миёнаи умумӣ» (Дар мисоли ашъори адибони ҳавзаи адабии Кӯлоб) барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-ичтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи ичтимоӣ ва худшиносӣ)

Тарбияи ватандӯстӣ, хештаншиносию худогоҳӣ ва ифтихори миллӣ чузъи асосии кори таълиму тарбияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ маҳсуб меёбад ва яке аз самтҳои муҳими Қонуни Чумҳурии Точикистон «Дар бораи маориф» чиҳати чалб намудани насли наврасу чавонон ба арзишҳои маънавию ахлоқӣ, татбиқи амалии тарбияи миллӣ тавассути кулли фанҳои таълимӣ, хосатан, фанҳои силсилаи гуманитарӣ, табиатшиносию риёзӣ дониста шудааст.

Тарғиби ватанпарварию ватандӯстӣ, ҳимояи марзу буми ачдодӣ, ахлоқи ҳамида, донишандӯзӣ ифтихори миллӣ ва худшиносию худогоҳии миллӣ дар тарбияи ватандӯстӣ ва худогоҳию хештаншиносии наслҳои наврасу чавонон накши хоса дорад. Дар ин чо мероси илмию адабии шоирону нависандагон ва мутафаккирони барчастаи точику форс ва муосир накши беқиёс ва аҳамияти ниҳоят муҳим дорад.

Унвончӯ Саодати Раҳмоналӣ дар кори таҳқиқотии худ ба масъалаи тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ таваччуҳ намуда, ба баланд бардории сифати таълиму тарбияи хонандагон дар муассисаҳои таълимии Точикистон пажуҳиш намудааст. Саодати Раҳмоналӣ дар мавзуи «Тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагони муассисаҳои тасилоти миёнаи умумӣ» (Дар мисоли ашъори адибони ҳавзаи адабии Кӯлоб), кори таҳқиқотӣ гузаронида, масъалаи мазкурро ба таври муфассал таҳқиқ намудааст.

Дар ин асос мақсади таҳқиқотро муайян намудааст, ки он муайян кардани ғояҳои ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар ашъори адибони ҳавзаи адабии Кӯлоб ва истифодаи он дар тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро дар бар мегирад.

Барои ноил шудан ба мақсад, санчишу тасдиқи фарзияи гузошташуда барои роҳандозӣ намудани вазифаҳои гузошташуда, муҳаққиқ таҳкиқоти зеринро ба анчом расонидааст:

- асосҳои педагогии тарбияи хонандагон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ ҳамчун як ҷузъи ҷараёни омӯзиш мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифт;
- сатҳи тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагон муайян карда шуд .
- воситаҳои самараноки тарбияи хонандагон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ ошкор карда шуд.
- вазъи адабӣ, фарҳангӣ ва рушди афкор оид ба тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар даврони муосир, аз он ҷумла сарчашма ва манбаъҳои асосии пайдоиш ва инкишофи ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар ашъори адибон ҳавзаи Кӯлоб таҳқиқ гардид.
- ғояҳои ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар ашъори адибон ва коркарди амсилаи педагогии истифодаи онҳо дар тарбияи хонандагон таҳқиқ ва ошкор гардид.
- самаранокии амсилаи пешниҳодшуда дар тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагон тавассути таҳқиқоту озмоиш муайян гардид.

Муаллиф дар коркарди рисолаи илмии худ аз сарчашмаҳои фаровони илмиву адабӣ ва махсусан таърихӣ истифода намуда, дар асоси хулосаҳои дақиқи илмӣ нақши назариву амалии мавзуи мавриди таҳқикро дар раванди таълими хонандагон муфассал баён намуда, навгониҳои арзиши баланди илмидоштаро пешниҳод намудааст.

Қобили қайд аст, ки андешаҳои назарии муаллиф дар пойгоҳи озмоишҳои педагогӣ мавриди омӯзишу санҷиш қарор гирифта, натиҷаҳои бадастомада мунсифона мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст ва хулосаҳои амиқи ҳаматарафа санҷидашудаву исботшуда ба даст омадааст, ки эътимоди таҳқиқотро тақвият додааст.

Рисолаи мазкур аз муқаддима, ду боб, шаш фаслҳо, хулосаи бобҳои алоҳида, хулосаи умумӣ ва феҳристи адабиёти мавриди таҳқиқ иборат аст.

Дар муқаддима зарурияту аҳамияти мавзуи таҳқиқот ва дараҷаи омӯзиши он, асосҳои назариявию методологӣ ва усулҳои таҳқиқот, аҳамияти назариявию амалӣ ва навгониҳои илмии таҳқиқот асоснок карда шуда, фарзия, мақсаду вазифаҳо ва объекту предмети таҳқиқот муайян гардидаанд. Инчунин, маълумот дар бораи марҳилаҳои таҳқиқот, тасвиб ва татбиқи натиҷаҳои он оварда шуда, нуктаҳои асосии

ба ҳимоя пешниҳодшавандаи таҳқиқот мушаххас гардида, сохтору ҳаҷми рисола нишон дода шудаааст.

**Боби якуми диссертатсия** таҳти унвони «Асосҳои назариявии ташаккули ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ» ба масъалаҳои назариявии ташаккули ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ бахшида шуда, фарогири тавсифу баррасии ғояҳои ватандӯстию ифтихори миллӣ дар эҷодиёти адибон мебошад

Муаллиф қайд кардааст, ки ашъори адибони ҳавзаи адабии Кӯлоб нахуст аз ҳама, яке аз воситаҳои ниҳоят муҳимми тарбияи ватандӯстию ифтихори миллӣ ва унсурҳои таркибии тарбияи миллӣ маҳсуб меёбад. Аз ин нуқтаи назар, беҳтар мебуд агар мураттибони барномаҳои таълимии ҳамаи фанҳои муассисаҳои таълимӣ ба ҳалли ин масъала, яъне дар барномаҳо ҷудо кардани соатҳои тарбиявии алоҳида барои ашъори адибони ҳавзаи адабии Кӯлоб диққат диҳанд. Шаъну шарафи миллӣ зуҳуроти эҳтироми бепоёни фард ба ҳуввияти миллии худ, хусусиятҳои этнопсихологии миллати худ, огоҳӣ аз саҳми миллат дар фарҳанги ҷаҳонӣ, садоқат ба миллат ва амалӣ намудани фаъолияти амалӣ ба нафъи мардуми он мебошад.

**Боби дуюми диссертатсия** таҳти унвони "Таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагон бо истифода аз ашъори адибон" ва амсилаи тарбия ва рушди ватандӯстию  ифтихори миллӣ ва моҳияти тарбияи ватандӯстию ифтихори миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба корҳои таҷрибавию озмоишӣ дар робита ба мавзуи таҳқиқот бахшида шудааст.

Бояд қайд кард, ки омӯзиши мушкилотии масоили ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар кори таҳқиқотӣ бори аввал аз нуқтаи назари педагогӣ, таърихӣ ва адабӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ тарбия намудани хонандагон имконият фароҳам меорад, ки худогоҳию худшиносии миллӣ ташаккул дода шавад ва хонандагон чун шахсият ва ворисони сазовори Ватан ба камол расанд.

Бояд гуфт, ки автореферат аз ҷиҳати масъалагузорӣ, ҳалли масоили марбут ба тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагон банду баст ва хулосаҳои амиқи илмӣ кор карда шудааст.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Саодати  Раҳмоналӣ дар мавзуи «Тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагони муассисаҳои тасилоти миёнаи умумӣ» (Дар мисоли ашъори адибони

ҳавзаи адабии Кӯлоб) ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ, профессор,
мудири кафедраи педагогикаи
умумидонишгоҳии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Мирализода А. М.

Маълумот барои тамос:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17,
Телефон: 918 82 23 40.

Имзои Абдусалом Мирализодаро тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

25.09.23